*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Икромӣ Нуриддин Қиём ба диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Баррасии ҷиддӣ ва амиқи муҳтавою муқаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Олимбекзода Ф.О. дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» моро ба хулосае водор кард, ки дар ҳақиқат ихтисоси диссертатсия ба сархатҳои қисми 10. Бонкҳо ва ташкилоти қарзии дигар: бандҳои 10.1 – Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.10 – Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; 10.15 – Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; 10.19 – Методология ва механизми ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ ва 10.22 – Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда - «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, мубрам буда, дар он масоили мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва нақши он дар иқтисодиёти муосир возеҳ дарҷ гардидааст.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллифи рисола дорои аҳамияти бузурги илмӣ мебошад, зеро фаъолияти муассисаҳои бонкӣ барои рушди иқтисодиёти кишвар ва таъмини суботи молиявӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Такмили низоми хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун механизме баромад менамояд, ки эътимоднокии ташкилотҳои қарзиро боло бурда, фарогирии молиявиро дар кишвар таҳким мебахшад.

Дар шароити ҷаҳонии имрӯза, ки раванди ҷаҳонишавӣ ва пешрафти технологияҳои молиявию инноватсионӣ густариш меёбад, таҳкими низоми бонкӣ як амали стратегӣ барои нигоҳ доштани суботи молиявӣ ва манфиатҳои

умумии кишвар маҳсуб меёбад. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва таъмини шаффофияти амалиётҳо дар фаъолияти бонкҳо барои қонеъ кардани талаботи тағйирёбандаи муштариён зарур аст.

Ҳамзамон, мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкили муҳити мусоиди соҳибкорӣ, афзоиши маҳсулоти дохилӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, таъмини рушди бахши бонкӣ бо истифода аз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ (аз ҷумла Чин, Беларус ва Қазоқистон) ва мутобиқсозии онҳо ба шароити кишвар, имкониятҳои нави иқтисодиро барои ҷомеа ва давлат фароҳам меорад.

Дар айни замон, низоми хизматрасониҳо нақши муҳими худро дар амалиёти маблағгузорӣ, барномаҳои қарзӣ ва таҳкими низоми хоҷагидории кишвар мебозад. Такмили тарзи пешниҳоди маҳсулотҳои бонкӣ дар амалишавии сиёсати иқтисодии давлат ва тақвияти на танҳо бозори хизматрасониҳо, балки рушди бемайлони низоми бонкиро таъмин менамояд.

Дар раванди мукаммалгардонии низом, диққати ҷиддӣ бояд ба равади мутобиқсозии ниҳодҳои миллии молиявӣ-қарзӣ ба стандартизатсияи амалияву равишҳои байналмилалӣ, таъмини назорат ва пӯшида кардани хатарҳо дода шавад. Идоракунии самараноки низоми хизматрасониҳо инчунин ба беҳтар шудани муносибатҳо бо муассисаҳои молиявии хориҷӣ ва ҷалби сармоягузориҳо кӯмак мерасонад.

Пешрафти соҳаҳои молия ва бонкдорӣ бо ҳамоҳангсозии сиёсати стратегии давлат, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» алоқаманд аст. Таҳкими низоми хизматрасониҳо барои таъмини шаффофияти фаъолияти молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимоди мардум ба низоми бонкӣ аҳамияти назаррас дорад.

Ҳаминтариқ, такмили низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон ба рушди институтҳои нави молиявӣ, аз қабили бонкдории электронӣ ва хизматрасониҳои фосилавӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои ин тадқиқот метавонанд дар оянда механизмҳои идоракунии бахши бонкҳо ва хизматрасониҳои молиявии онҳоро ба таври бештар ва мукаммалтартар таъмин намоянд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии диссертатсияи муаллиф аз такмили низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва рушди самтҳои асосии он дар шароити тақвияти муносибатҳои молиявию иқтисодӣ иборат буда, дар ин замина механизми тақвияти минбаъдаи низоми хизматрасониҳои бонкӣ таҳия шудааст.

Натиҷаҳои илмии рисола аз чунин зерқисмҳо иборат мебошанд:

- дар заминаи омузиши консепсияҳо ва таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ асосҳои назариявии самтҳои асосии низоми хизматрасониҳои бонкӣ баррасӣ гардида, сохтори низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи иқтисодиёти инноватсионӣ гуруҳбандӣ гардидааст ва воситаҳои такмилдиҳии он пешниҳод шудааст, илова бар ин низоми хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун маҷмуи маҳсулотҳо, хизматрасониҳо ва дигар амалиёти бонкӣ, ки дар раванди ташаккули муносибатҳои молиявию иқтисодӣ таъсири мусбӣ дошта мушаххас гардидааст;
- таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ вобаста ба ташаккулёбӣ ва рушди самтҳои муҳимми низоми хизматрасониҳои бонкӣ имконият фароҳам овард, ки хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити густариши иқтисодиёти рақамӣ гуруҳбандӣ карда шавад, воситаҳои рушди ҷанбаҳои институтсионалии низоми хизматрасониҳои бонкӣ мушаххас гардида, асосҳои ташкилӣ ва иқтисодии самтҳои асосии хизматрасониҳои бонкӣ такмил дода шавад, ки ба ин васила имкон аст, то фарогирии молиявӣ тақвият ёбад, дастрасӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ сода гардонида шавад ва мавқеи институтҳои молиявӣ дар иқтисоди миллӣ афзоиш ёбад;
- ошкор карда шудааст, ки ҷиҳати рушди босуръати самтҳои муҳимми низоми хизматраҳои бонкӣ зарур аст, ки асосҳои институтсионалӣ дар ин самт тақвият дода шавад. Ҳамчунин таҳлили нишондиҳандаҳои низоми хизматрасониҳои бонкӣ собит сохтанд, ки дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ тариқи фосилавӣ аз баргузидатарин самти низоми хизматрасониҳои бонкӣ гардида истодааст, ки ин бояд аз ҷониби ташкилотҳои қарзии дар низоми хизматрасониҳои бонкӣ амалкунанда ба инобат гирифта шавад. Илова ба ин, инфрасохтори пардохтӣ, аз ҷумлаи асосҳои бунёдӣ ва самти калидии рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ арзёбӣ гардида, мукаммалгдории он бо роҳи тақвияти фаъолияти инноватсионии ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод гардид, ки ба равнақи бонкдории электронӣ замина мегузорад;
- мушкилоте, ки тақвияти самтҳои асосии рушди низоми хизматрасониҳои бонкиро боз медоранд, ошкор карда шуда, воситаҳои аз байн бурдани онҳо тавсия гардидааст. Дар таҳқиқот баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва тавсеаи хизматрасониҳои фосилавӣ ҳамчун омилҳои калидии тақвияти низоми бонкӣ муайян карда шуданд. Дар ин замина, стратегияи рушди соҳа таҳия гардида, бо истифода аз моделсозии иқтисодию риёзӣ, дурнамои рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ асоснок карда шуд.

Дараҷаи навгонии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисола ба таври зерин асоснок гардидааст: 1) таҳқиқоти самтҳои асосии низоми

хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун механизми муносибати бисёрҷониба миёни ташкилотҳои қарзӣ, аҳолӣ ва дигар субъектҳои иқтисодиёт аз нигоҳи назариявӣ баррасӣ шудааст, илова ба ин моҳияти иқтисодии истилоҳоти ба низоми хизматрасониҳои бонкӣ тааллуқдошта пешниҳод карда шуда, тақвияти ҷанбаҳои асосии низоми хизматрасониҳои бонкӣ, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ муҳим аст, ошкор карда шудааст; 2) дар заминаи таҳқиқи рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ рушдёфта ҷанбаҳои асосии таҳкимёбандаи хизматрасониҳои бонкӣ муайян карда шуд, аз ҷумла: татбиқи барномаҳо оид ба баландбардории савияи донишҳои молиявии аҳолӣ, такмили низоми хизматрасониҳои фосилавӣ, истифодаи густурда фарохи инноватсияҳои молиявӣ, баланд бардоштани иқтидори молиявии институтҳои молиявию қарзӣ, коркарди маҳсулотҳои нави бонкӣ вобаста ба тақозои муштариён, истифодаи васеи интернетбонкинг, роҳёбӣ ба бозорҳои молиявии ҷаҳон, дастрас намудани захираҳои молиявӣ дар асос ва ғайраҳо; 3) ҳолати муосири низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, тамоюли рушди самтҳои афзалиятноки хизматрасониҳои бонкӣ, инчунин нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ таҳлил шудааст ва дар заминаи ин тариқи таҳлили қиёсӣ рушди минбаъдаи он баҳогузорӣ гардида, рушди бонкдории электронӣ ҳамчун самти афзалиятноки таҳкими низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳқиқ карда шудааст; 4) ошкор гардидааст, ки таҳкими сифати маҳсулотҳои бонкӣ ҳамчун самти муҳимми тақвиятбахшандаи хизматрасониҳои бонкӣ метавонад ба тавсеаи низоми хизматрасониҳо таъсири мусбӣ расонад ва дар ин замина оид ба ин масъала усулҳои зарурӣ барои баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод шудааст, ҳамзамон густариши хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи стратегияи таҳиягардида пешниҳод шуда, дурнамои он дар асоси моделсозии иқтисодӣ–рақамӣ то давраи соли 2030 пешгуӣ шудааст, оварда шудаанд.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Аҳаммияти илмӣ-назариявии кори диссертатсиониро ақидаҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ ва дигар олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва мукаммалгардонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки он дар амал асоснок карда шудааст. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва илмии муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои низоми хизматрасониҳои бонкӣ, аҳаммияти технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва тақвияти инфрасохтори пардохтӣ фарогир мебошад.

Тадқиқотҳои методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумотҳо барои гузаронидани тадқиқотҳои методологӣ-назариявии рушди иқтисоди рақамӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзими бонкдории электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар маълумотҳои расмии ташкилотҳои қарзии кишвар асос ёфта, натиҷаҳои тадқиқотҳои амалии гузаронидашуда ва тавсияҳо барои мукаммалгардонии механизми пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунанд. Муқаррароти амалии рисола метавонанд дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати рақамикунонии маҳсулотҳои бонкӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои навини молиявӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, аз ҷумла ҷиҳати амалисозии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026» метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳкими фарогирии молиявии аҳолӣ, содагардонии дастрасӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ тариқи хизматрасониҳои фосилавӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии ҷомеа тавассути низоми мукаммали пардохтӣ ифода меёбад.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Экспертизаи диссертатсия нишон дод, ки муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 15 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**7. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Олимбекзода Ф.О. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои

“Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**8. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, нӯҳ зербоб, ҷадвалҳо, расмҳо, диаграмма ҳо, хулоса иборат буда, бо истифода аз 152 сарчашма тахия карда шуда, дар 193 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

Дар муқаддима асоснокии мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дараҷаи омӯзиши он пешниҳод гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян шуда, натиҷаҳои асосии илмӣ ва навгонии онҳо ифода ёфтаанд. (саҳ. 4-17).

**Боби якуми диссертатсия бо номгузории «Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ»**, ки дар он ҷанбаҳои назариявии моҳияти хизматрасониҳои бонкӣ ва аҳаммияти он дар низоми муносибатҳои муосири иқтисодӣ, усулҳои гурӯҳбандӣ ва сохтори низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба ташаккул ва рушди ин низом аз ҷониби муаллиф инъикос ёфтааст. (саҳ. 18-65).

Ба ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ қайд мекунад: хизматрасониҳои бонкӣ василаи асосие ба шумор меравандд, ки тариқи он тиҷорати бонкӣ татбиқ карда мешавад, даромаднокӣ таъмин мегардад ва нишондиҳандаи асосӣ – талаботи муштариён қонеъ карда мешавад. Низоми хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун омили таъминкунандаи аҳолӣ бо маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои босифат арзёбӣ гардида, ҷиҳати пешрафт ва тақвияти иқтисодиёти кишвар шароити муносибро фароҳам меорад. Дар ин росто, тақвияти сифати хизматрасониҳо ва коркарди роҳу воситаҳои муосири дастраскунии онҳо метавонад сатҳи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзиро дар бозор боло бурда, ба дараҷаи пардохтпазириву бозоргирӣ таъсири мусбӣ расонад.

Аз ин бармеояд, ки хизматрасониҳои бонкӣ дар иқтисодиёт мақоми махсуси худро дошта, ҷараёни коркард, пешниҳод ва тартиби дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳо ва амалиётҳои бонкиро ифода менамоянд. Чӣ тавре ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» қайд гардидааст, ташкилотҳои қарзӣ ӯҳдадоранд фаъолияти худро қатъиян дар доираи амалиёт ва хизматрасониҳои дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда (ҷадвали 1.1), ба роҳ монанд ва бо ин васила низоми хизматрасониҳоро давра ба давра рушд диҳанд. (саҳ. 39-40).

Дар асоси омӯзиши маводҳои назариявӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки тақвияти низоми хизматрасониҳои бонкӣ имконият фароҳам меорад, ки доираи бозори хизматрасониҳо васеъ гардад, маҳсулотҳои нави инноватсионӣ зуҳур

намоянд ва фарогирии молиявӣ ба таври комил дар кишвар таъмин карда шавад.

Аз ин рӯ, идоракунии бахши бонкӣ бояд бо назардошти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, ки ба яке аз ҷузъҳои асосии низоми муосир мубаддал гаштааст, роҳандозӣ карда шавад. Дар ин самт нақши давлат ва БМТ дар таҳияи заминаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ муҳим буда, барои фаъолияти густурдаи ташкилотҳои қарзӣ шароит фароҳам меорад. Муаллиф таъкид мекунад, ки бо ривоҷ ёфтани иқтисоди рақамӣ, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки аз хизматрасониҳои анъанавӣ ба маҳсулотҳои рақамӣ ва фосилавӣ гузаранд, ки ин баҳри шаффофияти амалиёт, дастрасии куллӣ ва суръати баланд аҳамиятнок мебошад. (саҳ. 18-36).

Дар доираи боби якум муаллиф таҷрибаи хориҷиро оид ба ташаккул ва рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ мавриди таҳлил қарор додааст, ки дар он таҷрибаи давлатҳоро омӯхта пешниҳод намудааст, ки таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин (оид ба идоракунии давлатӣ ва маблағгузории "сабз"), Ҷумҳурии Беларус (оид ба хизматрасонии маҷмӯӣ ва Кодекси бонкӣ) ва Ҷумҳурии Қазоқистон (оид ба рақамикунонии иқтисодиёт ва бонкдории электронӣ) дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. (саҳ. 47-65).

**Дар боби дуюм – «Баҳодиҳии рушди низоми хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир»** вазъи муосири низоми хизматрасониҳои бонкии кишвар, таҳлили зерсохтори он дар шароити таҳкимёбии иқтисоди рақамӣ ва рушди бонкдории электронӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми муосир мавриди баррасӣ ва таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки низоми хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун механизми асосии таҳрикдиҳандаи низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва молиявӣ баромад намуда, ҷиҳати таъмини рушди устувор ва суботи молиявии кишвар аҳамияти калидӣ дорад. Воқеан, тақвияти зерсохтори муассир, аз ҷумла банкоматҳо ва терминалҳои пардохтӣ, имкон медиҳад, ки дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ дар саросари минтақаҳо таъмин гардад. Аз ин хотир, давлат ва БМТ пайваста ҷиҳати таҳкими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва ташкили низоми пурсамари хизматрасониҳо тадбирҳои стратегӣ меандешанд, то эътимоднокии низоми бонкӣ дар ҷомеа баланд бардошта шавад. (саҳ. 66-93).

Диссертант дуруст қайд мекунад, ки гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва таҳкими бонкдории электронӣ аз муҳимтарин самтҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар шароити муосир маҳсуб меёбад. Илова ба ин, рақамикунонии маҳсулотҳои бонкӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавӣ на танҳо

хароҷотҳои амалиётии бонкҳоро коҳиш медиҳад, балки ҷараёни фарогирии молиявии аҳолиро суръат мебахшад. Махсусан, таҳияи барномаҳои мобилӣ ва ҳамёнҳои электронӣ барои муштариён имкониятҳои васеъро фароҳам оварда, боиси шаффофияти амалиёт ва болоравии сатҳи рақобатпазирии институтҳои молиявӣ мегардад. (саҳ. 102-120).

Пас аз омӯзиши ҳамаи паҳлӯҳои таҳқиқот муаллиф қайд мекунад, ки нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ, бахусус дар самти қарздиҳӣ ва ҷалби пасандозҳо, тамоюли афзоиши динамикиро касб намудаанд. Масалан, агар дар соли 2014 ҳаҷми умумии қарзҳои пешниҳодшуда ба иқтисоди миллӣ 7399 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 17844,84 млн. сомонӣ расид, ки 2,4 маротиба афзоишро нишон медиҳад. Умуман, истифодаи кортҳои пардохтӣ низ ба таври назаррас афзуда, аз 3,2 млн. адад дар соли 2020 то ба 8,7 млн. адад дар соли 2024 расид, ки ин аз маъмулгардии хизматрасониҳои рақамӣ ва таҳкими зерсохтори пардохтӣ дар кишвар шаҳодат медиҳад. (саҳ. 76-110).

**Дар боби сеюм – «Самтҳои афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** тақвияти ҷанбаҳои афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ, баландбардории сифат ҳамчун механизми тақвиятбахш ва дурнамои рушди минбаъдаи ин низом аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст. (саҳ. 123-168).

Муаллиф дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда қайд намудааст, ки таҳкими низоми хизматрасониҳои бонкӣ бояд дар асоси стратегияи мушаххаси рушд таҳия карда шавад, то ки ҷанбаҳои институтсионалиро инъикос намуда, заминаи мустаҳками рушди устуворро ташкил намояд. Стратегияи рушд бояд бо назардошти таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ, рақобати шадид дар бозор ва асосноккунии истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ташкил карда шавад. (саҳ. 140-153).

Дар диссертатсия муаллиф чунин меҳисобад, ки дар шароити муосири иқтисоди рақамӣ баландбардории сифати хизматрасониҳо ҳамчун механизми асосии тақвияти низом баромад мекунад. Муаллиф таъкид мекунад, ки ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки эътимоднокии худро дар назди муштариён тавассути шаффофияти амалиёт, содагардонии дастрасӣ ва пешниҳоди маҳсулотҳои инноватсионии бонкӣ устувор гардонанд. Танҳо бо роҳи таҳкими сифат ва мутобиқшавӣ ба стандартҳои ҷаҳонии молиявӣ бонкҳо метавонанд эътимодияти худро ба даст оранд ва мавқеи рақобатии худро дар бозор устувор нигоҳ доранд. (саҳ. 123-132).

Дар хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. (саҳ. 169-175).

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Олимбекзода Ф.О. дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**10. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Дар боби якуми рисола монеаҳои институтсионалии низоми хизматрасониҳои бонкӣ ба таври кофӣ инъикос наефтаанд.

2. Гарчанде ки муаллиф дар боби дуюми рисола вазъи муосири низоми хизматрасониҳои бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ таҳлил намудааст, сатҳи сифати рисола боз ҳам беҳтар мегардид, агар дар ҷараёни таҳлил муаммоҳои зерсохторӣ ва монеаҳои рақамикунониро низ пайдо намуда, онҳоро бо назардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар боби 3-юм ҳал менамуд.

3. Нақши таъсиррасонии давлат ва БМТ дар таҳкими бонкдории электронӣ хеле умумӣ тасвир шудааст. Хуб мебуд, агар муаллиф дар зербоби 2.3 натиҷаи таъсири технологияҳои инноватсиониро ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва афзоиши даромаднокии онҳо возеҳу равшан бо далелҳои омории муқоисавӣ арзёбӣ менамуд.

4. Барои такмили низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф бештар ба таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Қазоқистон такия менамояд. Беҳтар мегардид, агар муаллиф микдори интихоби алтернативии таҷрибаи давлатҳои хориҷаи дурро, ки дар самти Финтех (FinTech) пешсафанд, зиёд менамуд.

5. Беҳтар мешуд дар боби 3-юм аз ҷониби муаллиф SWOT-таҳлили стратегияи рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ гузаронида мешуд, то ҷиҳатҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва хавфҳои низом дар шароити иқтисоди рақамӣ амиқтар нишон дода шавад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши баланди илмии онро коста намекунад.

**11. Хулосаи умумӣ**

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои бадастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили низоми хизматрасониҳои бонкӣ саҳми калон доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ – методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи молияи Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон Икромӣ Н.Қ.

Дурустии имзои Икромӣ Н.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
Тел: +992 933767676
E-mail: ikromov65@bk.ru